Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17

# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт пешбинӣ гардидааст.**

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.** Яке аз масъалаҳои калидии рушди иқтисодиёти миллӣ ин танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ мебошад. Дар адабиётҳои иқтисодӣ олимони ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми ягонаи танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ андешаҳои гуногун шарҳ дода шудааст. Танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ яке аз қисми асосии сиёсати фаъолияти сармоягузории минтақаҳои мамлакат ба шумор меравад. Танзими давлатии сармоягузорӣ ҳамчун омили асосии ҷалби сармоя ба соҳаҳои афзалиятноки хоҷагидорӣ нигаронида шудааст. Соҳаҳои афзалиятнок дар мувофиқа бо нақшаю барномаҳои стратегии давлатӣ бо тартиб ва тадбиқи санаду меъёрҳои ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон муайян карда мешавад.

Дар шароити муосири иқтисодӣ, рушди ҷалби сармоя бе ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ имконнопазир мебшад. Чунки равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ аҳамияти афзояндаи сармоягузории мустақими хориҷиро тавсиф мекунанд. Яке аз аломатҳои тамомияти иқтисоди ҷаҳонӣ, ба даст овардани нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҳама шаклҳои муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошад

Мусаллам аст, ки ҷалби чи сармоя хориҷӣ ва чи дохилӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити буҳрони минтақавӣ ва ҷаҳонӣ яке аз воситаи ҳаётан муҳимми паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза барои таъмини тавозуни макроиқтисодиёт фаъолиятро на танҳо ба зиёд кардани ҳаҷми воридоти сармояҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ, балки бояд ба тақсимоти самаранок амалишавии сармояи ҷалбшуда равона намуд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз сарсухан, се боб, нуҳ параграф, 18 ҷадвал, 18 расм, хулоса, пешниҳод ва бо истифода аз 160 сарчашма таҳия карда шуда, дар 171 саҳифаи омода гардидааст.

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва замонавӣ будани он асоснок карда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, предмет ва объекти он муайян гардида, нуқтаҳои навоварии илмӣ, санҷишу тасдиқ, апробатсияи кор ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада тавзеҳ дода шудааст.

**Дар боби 1.** «Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар шароити афзуншавии тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ» ном дошта, масъалаҳои тамоюлҳои нав дар ҳаракат ва тақсимоти сармояҳои мустақими хориҷӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва самтҳои афзалиятноки сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, самаранок тақсим кардан ва истифода бурдани сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Дар боби 2.** «Вазъияти муосири идора ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ» ном дошта, дар он методҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва танзими он дар иқтисодиёти миллӣ, идора ва танзими соҳавии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ, шаклҳои муосири идора ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва дигар масъалаҳо мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор дода шудааст.

**Дар боби 3.** «Такмили методҳо ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идораву танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ» мушкилот ва монеаҳо дар роҳи такмили идоракунӣ ва танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ, такмили методҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар шароити афзудани тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ, тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокии идора ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва ғайраҳо нишон дода шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз коркарди самтҳои ояндадори такмили танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ иборат мебошад.

Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардида, ба ҳимояи ошкоро пешниҳод мешавад, аз инҳо иборатанд:

1. Мафҳуми сармоягузории мустақими хориҷӣ ҳамчун сармояи молиявӣ, молӣ ва интеллектуалии сармоягузорони хориҷӣ ба иқтисодиёти миллиро дар бар мегирад ва давлати гирандаи сармоя бо мақсади ба даст овардани фоида кушиш дорад, ки ҳам ба иқтисодиёт ва

ҳам ба рушди инноватсионии ҳақиқии иқтисоди ин давлат таъсири дучониба мерасонад;

2. Методикаҳои арзёбии самаранокии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ, даромаднокии ҷалби сармояи содиротии ҷалбшуда аз рӯйи таснифоти мамлакатҳо инчунин таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда оид ба ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ омӯхта, асоснок карда шуд;

3. Ҳолати имрӯзаи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ таҳлил ва муайян карда шуда, соҳаҳои гидроэнергетика, кишоварзӣ, пахтакорӣ, моҳипарварӣ, занбӯри асалпарварӣ, коркарди мева, чорводорӣ, саноати бофандагӣ, алюминӣ, саноати кӯҳӣ, ангишт, тилло ва нукра, нақлиёт, сайёҳӣ ҳамчун соҳаҳои афзалиятнок барои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ пешниҳод карда шуданд;

4. Бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ вобастагии байни ММД ва сармоягузорӣ муайян гардида, барои таҳлил ва арзёбии сармоягузорӣ модели регресионии сармоягузорӣ таҳия карда шудааст. Инчунин модели тренди дурнамои ММД ва сармоягузорӣ таҳия карда шудааст, ки дар асоси он дурнамои нишондиҳандаҳои мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2025 ҳисоб карда шудааст;

5. Мушкилотҳои асосии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷии дар ҷумҳури мавҷудбуда, ки асосан ба дараҷаи нокифояи рушди инфрасохтори соҳаи сармоягузорӣ, номукаммал будани қонунгузорӣ, фаъолияти сусти сармоягузории бонкҳои ҷумҳурӣ, коркарди номукаммали механизмҳои суғуртаи сармоягузорӣ, махсусан сармоягузориҳои хориҷӣ алоқаманд аст, ошкор карда шуданд;

6. Тавсияҳои методӣ ва амалиявӣ оид ба роҳҳои баландбардории танзим ва идораи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертант қайд намудааст, ки ба як қатор ҷолибияти муҳити сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ накарда, дар бобати сармоягузорӣ намудани он аз тарафи сармоягузорони хориҷӣ рағбати кам зоҳир карда мешавад. Сабабҳои асосие, ки ба бозори дохилии мамлакат воридшавии сармояи хориҷиро бозмедорад, ин муҳити институтсионалӣ, ки ба танзими давлатӣ алоқаманд аст ва вазъи сиёсиву муҳити ҳуқуқӣ маҳсуб мешаванд. Равшан аст, ки бюрократияи аз ҳад зиёд, танзимкунии қатъии фаъолияти соҳибкорӣ, вазъи ноустувори

иқтисодӣ ҷолибияти мамлакати сармоягирандаро хеле кам менамояд (саҳ. 24).

Ғайр аз ин, дар диссертатсия гуфта мешавад, ки сармоягузорӣ қобилияти истеҳсолиро пурзӯр намуда, ҷои рақобатноки мамлакатро дар бозори ҷаҳон муайян мекунад. Агар мамлакатҳои тараққикардаро ба назар гирем, онҳо дар марҳилаҳои сабзиши иқтисод фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷалби онро аз бозорҳои ҷаҳонӣ тезонидаанд (саҳ. 43).

Дар баробари ин муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон проблемаи дарёфт намудани манбаъҳои маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт хеле мубрам гардидааст, ки барои ҳалли ин мубрамият аз фаъолияти фаъолнокии давлат дар самти ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва ниҳоят ба самаранокии лоиҳаҳо дар маҷмӯъ вобаста аст. Зарур аст, ки на танҳо ба дарёфти манбаи сармоягузорӣ, балки ба коркарди равишҳои тахассусии сохтории манбаи сармоягузорӣ диққат дода шавад (саҳ. 52).

Илова бар ин, аз тарафи ӯнвонҷӯ пешниҳод карда шудааст, ки барқарор кардани неруи сармоягузорӣ бо ташаккули бозори самараноки пул ва ташкили механизмҳое, ки сафарбаркунии захираҳо ва ҷойгиркунии нисбатан самараноки онҳоро таъмин месозад, бо васеъшавии пойгоҳи андозӣ, ташкили сектори рақобатпазири молиявӣ, низоми давлатии ташкилотҳои суғурта ва кафолатнокии сармояҳо, ташкили бонкҳои рушд бо ширкати давлат, ки ба сармоягузори сектори ҳақиқӣ махсус гардонида шудаанд, бозорҳои қоғазҳои қимматнок, рушди бонкҳои тиҷоратӣ, молиявӣ, ширкатҳои сармоягузорӣ ва фондҳои сармоягузорӣ, иҷроиши талаботи пойгоҳи қонунгузории ба фаъолияти сармоягузорӣ равонашуда, мусоидат ба ташкил ва васеъгардонии корхонаҳои муштарак, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳавасмандгардониҳои андозиву гумрукӣ алоқаманд мебошад (саҳ. 69).

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар 10 адад кори илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯи маҷаллаву нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардида оид ба мавзӯи диссертатсия 6,5 ҷ.ч. ташкил медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дастовардҳои илмии дар диссертатсия дарҷ гардида, ба талаботи шиносномаи таҳқиқоти илми ихтисоси 08.00.10-Молия, муомилоти пул ва қарз ба бандҳо: 2.14.

Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидорӣ, муаммоҳои муносибкунонии сохтори сармоя; 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузорӣ; 5.2. Асосноккунии назариявӣ ва методологии равишҳои арзёбии амвол, сармоя ва сарчашмаҳои ҷалбгардида мутобиқат дорад.

**Мутобиқати тахассуси илмии шахсони довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки онҳо ба он довталабанд.** Тахассуси илмии Султонзода Исо Муҳаммад довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт мутобиқат мекунад.

Ба андешаи мо дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, диссертатсияи тақризшаванда дорои баъзе камбудию норасогиҳо мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Аз тарафи муаллиф таърифи инноватсионии сармоягузории мустақими хориҷӣ пешниҳод карда шудааст (саҳ. 37), дар баробари ин бартарияти истифодаи чунин тавсиф нисбати тавсифҳои ҷойдошта ба дарҷаи назаррас кушода нагардидааст;

2. Сифати рисола боз ҳам мукаммалтар мегардад, агар аз тарафи муаллиф дар зербоби 1.3. таҳлили муқоисавии тағйирёбии динамикаи сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҷаҳон дар солҳои 2015-2017 (ҷадвали 1.3.2., саҳ. 49) нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешуд;

3. Дар зербоби 2.2. таҳлили ҷалби сармоягузории хориҷӣ вобаста ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ба дараҷаи зарурӣ таҳлил карда нашудааст;

4. Сифати кор боз ҳам мукаммалтар мегардид, агар муаллиф дар зербоби 3.1. дар баробари таҳқиқӣ мушкилот ва монеаҳои танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ механизми мукаммалсозии онро пешниҳод менамуд;

5. Тавсияҳои пешниҳодгардидаи муаллиф дар зербоби 3.3. (саҳ. 138-151) бештар хусусияти назариявӣ доранд ва дар асоси таҳлили факту рақамҳо таҳия карда нашудааст;

6. Дар кори диссертатсионӣ ояндабинии ҳолати сармоягузории мустақими хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 оварда нашудааст;

7. Таркиби кор дорои баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ мебошад. Баъзе ҷадвалҳои оморӣ аз нуқтаи назари ороиш дуруст нишон дода нашудаанд. Расмҳои 1.1. дар саҳ. 13, расми 2.1.2. дар саҳ. 62, расми 3.3.1. дар саҳ. 138 номгӯзори карда нашудааст.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад ба камбудиҳои номбаркардашуда нигоҳ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

Умуман диссертатсия дар мавзӯи «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, тавсия дода мешавад, ки кори илмии асоснокгардидаи ба итмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта ва муаллифи он Султонзода Исо Муҳаммад сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**Декани факултети молия ва қарзи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои иқтисодӣ** **Сафоев А.К.**

Нишона: Ҷумҳурии Тоҷикистон 734055 ш. Душанбе хиёбони Борбад, 48/5. Тел: (+ 992 37) 234 88 00, факс: 234 88 02
Web: www. dsx.tj. E-mail: dsx_ips@mail.ru
E-mail: safoev@list.ru, Моб: + 992 93 457 82 82; + 992 907 73 32 47

Имзои декани факултети молия ва қарзи Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Сафоев А.К.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДССХ Ҷураев Ш.Н.